«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессор
Хушвахтзода Қ. Х.
________________
«2» _____05____ соли 2023

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи **«Нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологӣ (дар асоси маводи насри муосири тоҷик)»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ дар кафедраи забони адабии муосири тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

**Дустзода Ҳамрохон Ҷумъа** соли 2005 факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм карда, аз соли 2005 то соли 2007 ба ҳайси ассистент ва аз соли 2007 то 2010 ҳамчун аспиранти шуъбаи рӯзонаи кафедраи забони адабии муосири тоҷикии факултети филология ба кори илмӣ-таҳқиқӣ машғул шудааст. Ӯ аз соли 2011 то 2013 дар вазифаи ёрдамчии муовини ректор оид ба таълими донишгоҳ, солҳои 2013-2015 ба ҳайси мудири шуъбаи таҷрибаомӯзӣ ва кор бо мутахассисони ҷавони донишгоҳ, солҳои 2015-2016 ба сифати директори Маркази фарҳангӣ-таълимии Конфутсий дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва аз соли 2016 то инҷониб дар вазифаи мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намудааст. Ҳамзамон, аз соли 2010 ба ҳайси ассистент ва дотсенти кафедраи забони адабии муосири тоҷикии факултети филология ба фаъолияти омӯзгорӣ машғул аст.

Дустзода Ҳ.Ҷ. соли 2010 дар мавзуи «Воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ дар забони адабии муосири тоҷик» диссертатсияи номзадиашро ҳимоя карда, муаллифи беш аз 30 мақолаи илмӣ, 2 монография, 2 дастури методӣ, 1 луғат (бо ҳаммуаллифӣ) ва 2 барномаи таълимӣ мебошад.

Мушовири илмии Дустзода Ҳамрохон Ҷумъа доктори илми филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Хоҷаев Давлатбек** мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар Шурои олимони факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 21.02.2019, қарори №7 тасдиқ шудааст.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Муқаррар шудааст, ки дар тавлиди маъноҳои воҳидҳои забони тоҷикӣ воситаҳои гуногун иштирок мекунанд. Дар ин миён таҳқиқи мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологӣ ҷолиб буда, муайян намудани роҳу усулҳои зоҳиршавии тобишҳои маъноии мухталиф дар мундариҷаи онҳо ҳалли ниҳоии худро интизор аст. Яке аз роҳҳои ташаккули зинавии маъноҳои забонӣ дар воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ иштироки воситаҳои тасвири бадеӣ дар шаклгирии сохтор ва мундариҷаи маъноии онҳо мебошад.

Дар ташаккули сохтор ва паҳлуи маъноии воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ саҳми воситаҳои тасвирӣ бадеӣ (муболиғa, истиора, ташбеҳ, тавсиф ва киноя) назаррас мебошад. Ба василаи онҳо дар низоми маъноии воҳидҳои фразеологӣ маъноҳои гуногунро муқаррар намудан мумкин аст, ки бештар тавассути маҷоз сурат мегиранд. Маҷози забонӣ дар ин ҳолат ҳамчун нишондиҳандаи муҳимми тавлидсозандаи маъноҳои гуногун ба тариқи воситаҳои тасвири бадеӣ маҳсуб меёбад. Маъноҳои мафҳумӣ, образнок, эҳсосотӣ ва баҳодиҳӣ аз зумраи он қабатҳои маъноиеанд, ки мундариҷаи маънои фразеологиро дар фразеологизмҳо ташкил медиҳанд. Аз ҷониби Дустзода Ҳамрохон Ҷумъа дар шакли диссертатсия таҳқиқ гардидани нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологӣ аз он ҷиҳат аҳаммияти илмӣ, назарӣ ва амалӣ дорад, ки дар он бори аввал мавқеи воситаҳои тасвири бадеӣ ҳамчун унсурҳои асосии бавуҷудоварандаи маъноҳои гуногуни мундариҷаи семантикии фразеологизмҳои забони адабии муосири тоҷикӣ ба риштаи пажуҳиш кашида шудааст.

Муаллифи диссертатсия ба шакли муфассал таҳлилу баррасии воситаҳои тасвири бадеии муболиғa, истиора, ташбеҳ, тавсиф ва кинояро дар сохтори воҳидҳои фразеологӣ мақсади асосии таҳқиқ қарор дода, нақши калидии онҳоро дар тавлиди тобишҳои гуногуни маъноӣ ба тавассути маҷоз муқаррар менамояд. Дар ин замина хусусиятҳои сохториву маъноии воҳидҳои

фразеологии муболиғавӣ, истиоравӣ, ташбеҳӣ, тавсифӣ ва киноявӣ нишон дода мешаванд. Барои расидан ба ин ҳадафҳо муаллиф дар назди худ **чунин вазифаҳоро** гузоштааст:

– муқаррар намудани мафҳуми аломати забонӣ ва робитаи он бо маъно;

– дар асоси назарияҳои пешқадами илмӣ муайян намудани мафҳуми маънои забонӣ ва хелҳои он;

– баррасии маънои фразеологӣ ҳамчун як навъи маънои забонӣ дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологӣ;

– муқаррар намудани маъноҳои мафҳумӣ, образнок, эҳсосотӣ ва баҳодиҳӣ дар мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологӣ;

– нишон додани мавқеи маҷози забонӣ дар зоҳиршавии воситаҳои тасвири бадеӣ дар сохтори воҳидҳои фразеологӣ;

– муайян намудани нақши муболиға дар ташаккули сохтор ва мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ;

– муқаррар намудани хусусиятҳои сохториву маъноии воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ;

– нишон додани нақши истиора дар ташаккули сохтор ва мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологии истиоравӣ;

– баррасии хусусиятҳои сохториву маъноии воҳидҳои фразеологии истиоравӣ;

– муайян намудани мавқеи ташбеҳ дар ташаккули сохтор ва мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ;

– таҳлилу баррасии нишонаҳои асосӣ ва иловагии воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ;

– муқаррар намудани хусусиятҳои сохториву маъноии воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ;

– нишон додани нақши тавсиф дар ташаккули сохтор ва мундариҷаи маъноии ибораҳои фразеологии тавсифӣ;

– баррасии хусусиятҳои сохториву маъноии ибораҳои фразеологии тавсифӣ;

– муайян намудани мавқеи киноя дар ташаккули воҳидҳои фразеологии киноявӣ;

– таснифоти хусусиятҳои сохториву маъноии воҳидҳои фразеологии киноявӣ.

Ба сифати мавод ва ё **сарчашмаҳои асосии таҳқиқ** асарҳои интишорёфтаи нависандагони муосири тоҷик, аз қабили С. Айнӣ, С. Улуғзода,

Ҷ. Икромӣ, Р. Ҷалил, Ф. Муҳаммадиев, Ф. Ниёзӣ, У. Кӯҳзод, К. Мирзоев, Ю. Акобиров, А. Самад, Ҷ. Акобир, Б. Абдураҳмон, Сорбон, М. Наҷмиддинов, Ш. Мӯсо, А. Ҳамдам ва дигарон мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии** диссертатсияро асарҳои илмию назариявии муҳаққиқони хориҷӣ, аз қабили Соссюр Ф. де., Ф.И. Буслаев, В.В Виноградов, Л.И. Ройзензон, Ю.А. Рубинчик, Н.Ф. Алефиренко, Ю.Д. Апресян, А.И. Молотков, С.А. Губанов, М.В. Никитин, Л.А. Новиков, В.Н. Телия, В.И. Шаховский, М.С. Чернова, Д.Н. Шмелев, З.Х. Пайзулаева ва олимони ватанӣ Т. Зеҳнӣ, Д. Т. Тоҷиев, С.В. Хушенова, Ҳ. Маҷидов, Х. Шарифов, Ю. Бобоев, У. Тоиров, Д. Хоҷаев, Қ. Тоҳирова, Р. Эгамбердиев, Н. Гадоев, М. Саломиён, М. Мирзоева, Ж. Гулназарзода, Р.М. Султанова, С.Б. Ҷӯраева, Н. Саидов, Г. Зоғакова, М. Ҳайдаров, Б. Аловиддинов, М. Ҳасанов, Н. Худоёрова ва дигарон ташкил медиҳанд. Муаллифи диссертатсия дар раванди таҳқиқ аз методҳои забоншиносии мушоҳидаву муқоиса, хулосабарорӣ, таҳлили синхронӣ, шарҳу тафсир, таҳлили матнӣ, сохториву маъноӣ, оморӣ ва таҳлилу таҷзияи маводи фразеологӣ истифода намудааст.

**Нововарии таҳқиқ** дар он ифода меёбад, ки бори аввал мавқеи воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ ба сурати мушаххасу бунёдӣ таҳлили амиқ шуда, дар ин замина нахустин маротиба дар илми забоншиносии тоҷик истилоҳоти илмии воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ, истиоравӣ, ташбеҳӣ, тавсифӣ ва киноявӣ пешниҳод карда мешаванд. Дар ин замина тафовути забонӣ миёни муболиға ва литота, тавсиф ва перифраза муайян мегардад. Ҳамчунин дар диссертатсия мафҳуми аломати забонӣ ва робитаи он бо маъно, маънои забонӣ ва навъҳои он, таҳлили мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологӣ ва муқаррар намудани тобишҳои маъноии мафҳумӣ, образнок, эҳсосотӣ, баҳодиҳӣ дар он, таснифоти сохториву маъноии воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ, истиоравӣ, ташбеҳӣ, тавсифӣ ва киноявӣ муқаррар карда мешавад. Фарқи миёни маҷози забонӣ аз маҷози бадеӣ муайян карда шуда, мавқеи он ба сифати унсури муҳимми тавлидкунандаи воситаҳои тасвири бадеӣ дар воҳидҳои фразеологӣ нишон дода мешавад.

Диссертатсияи доктории Дустзода Ҳамрохон Ҷумъа аз чанд ҷиҳат аҳаммияти хосса дошта, **арзиши назариаш** дар он зоҳир меёбад, ки **маводи**

**дар таҳқиқи мазкур фароҳамомада ва хулосаҳои он** ҷанбаҳои назарии омӯзиши системаи маъноии забони тоҷикӣ, воҳидҳои фразеологӣ ва нақши воситаҳои тасвири бадеиро дар ташаккули сохтор ва мундариҷаи маъноии онҳо тақвият бахшидааст. Бар замми ин, меъёрҳое, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ барои муайян намудани воситаҳои тасвири бадеӣ дар сохтори воҳидҳои фразеологӣ муқаррар гардидаанд, метавонанд дар таҳқиқи шохаи нави илми забоншиносӣ – лингвопоэтика, заминаҳои мусоид фароҳам оваранд. Натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ аз нуктаҳои илмии пешниҳодгардида барои пажуҳишу ҷустуҷӯҳои илмӣ ба муҳаққиқони забоншинос ва унвонҷӯёни дараҷаҳои илмӣ ёрии бевоситаи амалӣ расонида метавонанд.

**Арзиши амалии** кори диссертатсионии Дустзода Ҳ.Ҷ. дар он зоҳир мегардад, ки мавод ва натиҷагириҳои таҳқиқ дар пажуҳиши масъалаҳои алоқаманд ба табиати забонӣ, сохтор ва мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ арзиши муҳим дошта, дастовардҳои илмии муаллифро дар навиштани мақолаҳо ва таълифу таҳқиқоти илмӣ дар пажуҳиши паҳлуҳои омӯхтанашудаи илми фразеологияи тоҷик, ҳангоми баррасии масъалаҳои алоқаманд ба воҳидҳои фразеологӣ, махсусан саҳми воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва мундариҷаи маъноии ин навъи воҳидҳои забон метавон мавриди истифода қарор дод.

Натиҷагириҳои диссертатсияро метавон ҳамчун маводи муътамади илмӣ дар факултетҳои филологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода намуда, ба он ҳангоми таълифи воситаҳои таълимӣ дар донишгоҳу донишкадаҳо, коллеҷҳо ва мактабҳои миёна, омода кардани курси лексияҳо аз фразеологияи тоҷик, курс ва семинарҳои махсус оид ба сабк ва илми сабкшиносӣ дар мактабҳои олӣ такя намуд.

Муҳтавои таҳқиқ ва мундариҷаи асосии диссертатсияи Дӯстзода Ҳамрохон Ҷумъа дар 1 монография ва 32 мақолаи чопнамудаи муаллиф, аз ҷумла 18 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст, ки рӯйхати онҳо дар зер оварда мешавад:

[1-М]. Дӯстов, Ҳ. Воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ бо пасоянди «барин» / Ҳ. Дӯстов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2014. – №4/1 (129). – С. 23-25.

[2-М]. Дӯстов, Ҳ. Ифодаи маъно дар воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ / Ҳ. Дӯстов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2014. – №4/3 (137). – С. 16-19.

[3-М]. Дӯстов, Ҳ. Ибораҳои фразеологии изофӣ ва гурӯҳҳои маъноии онҳо / Ҳ. Дӯстов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2016. – №4/7 (217). – С. 18-21.

[4-М]. Дӯстов, Ҳ. Хусусиятҳои сохториву маъноии ташбеҳоти фразеологӣ дар осори адибони давраи истиқлол / Ҳ. Дӯстов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – №4/1. – С. 125-128.

[5-М]. Дӯстов, Ҳ. Оид ба як навъи ҷумлаҳои фразеологӣ / Ҳ. Дӯстов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – №4/2. – С. 10-13.

[6-М]. Дӯстов, Ҳ. Воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ ва гурӯҳҳои маъноии онҳо / Ҳ. Дӯстов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – № 4. – С. 17-20.

[7-М]. Дӯстзода, Ҳ. Маънои забонӣ ва навъҳои он / Ҳ. Дӯстзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №7. – С. 32-39.

[8-М]. Дӯстзода, Ҳ. Аломати забонӣ ва робитаи он бо маъно / Ҳ. Дӯстзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – №5. – С. 26-32.

[9-М]. Дӯстзода, Ҳ. Маънои фразеологӣ ҳамчун як навъи маънои забонӣ / Ҳ. Дӯстзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – №1. – С. 18-27.

[10-М]. Дӯстзода, Ҳ. Нақши маҷоз дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ / Ҳ. Дӯстзода // Суханшиносӣ. – Душанбе, 2022. – №1. – С. 23-30.

[11-М]. Дӯстзода, Ҳ. Маънои мафҳумӣ дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ / Ҳ. Дӯстзода // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. – Хуҷанд, 2022. – №2 (91). – С. 80-88.

[12-М]. Дӯстзода, Ҳ.Ҷ. Маънои баҳодиҳӣ дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ / Ҳ.Ҷ. Дӯстзода // Паёми

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – №2. – С. 34-44.

[13-М]. Дӯстзода, Ҳ.Ҷ. Нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ифодаи мундариҷаи маънoии воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ / Ҳ.Ҷ. Дӯстзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – №4. – С. 12-21.

[14-М]. Дӯстзода, Ҳ.Ҷ. Мақоми маънои эмотивӣ дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологии забони адабии тоҷик / Ҳ.Ҷ. Дӯстзода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022. – №4 (99). – С. 13-21.

[15-М]. Дустзода, Х. Дж. Образное значение во фразеологических единицах современного таджикского литературного языка / Х. Дж. Дустзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – Душанбе, 2022. – №5. – С. 123-135.

[16-М]. Дӯстзода, Ҳ.Ҷ. Вижагиҳои маънoии воҳидҳои фразеологии киноявӣ / Ҳ.Ҷ. Дӯстзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – №3. – С. 32-38.

[17-М]. Дӯстзода, Ҳ.Ҷ. Истиора ва нақши он дар созмони воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ / Ҳ.Ҷ. Дӯстзода // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. – Хуҷанд, 2023. – №4 (93). – С. 97-105.

[18-М]. Хоҷаев, Д., Дӯстзода, Ҳ. Тавсиф ва нақши он дар созмондиҳии воҳидҳои фразеологӣ / Д. Хоҷаев, Ҳ. Дӯстзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – № 3. – С. 5-12.

**Монография:**

[1-М]. Дӯстзода, Ҳ.Ҷ. Мундариҷаи маънoии воҳиди фразеологӣ ва нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули он / Ҳ.Ҷ. Дӯстзода. – Душанбе, 2023. – 144 с.

Кафедраи забони адабии муосири тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон диссертатсияи **Дустзода Ҳамрохон Ҷумъаро** дар мавзуи **«Нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологӣ (дар асоси маводи насри муосири тоҷик)»** кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурӣ меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқӣ таълиф шуда, ба талаботи кори диссертатсионӣ ҷавобгӯ

мебошад. Дар ин замина, диссертатсияи мазкур ба ҳимоя аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология тавсия мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои забони адабии муосири тоҷикӣ, таърихи забон ва типология, забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики факултети филология, услубшиносӣ ва таҳрири адабии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок дошт: 20 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 20 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, қарори № 1, аз 29.08.2023.

**Раиси ҷаласа:**
**доктори илми филология,**
**профессори кафедраи**
**таърихи забон ва типология** **Исматуллозода Ш.**

**Номзади илми филология,**
**дотсент, и.в. мудири кафедраи**
**забони адабии муосири тоҷикӣ** **Абдулазизов В.**

**Номзади илми филология,**
**дотсент, мудири кафедраи**
**таърихи забон ва типология** **Камолзода Х.**

**Номзади илми филология,**
**дотсент, и.в. мудири кафедраи**
**забони тоҷикӣ ва усули таълими**
**забон ва адабиёти тоҷик** **Каримов Н.С.**

**Номзади илми филология,**
**дотсент, и.в. мудири кафедраи**
**услубшиносӣ ва таҳрири адабӣ** **Сафаров Ҳ.**

**Котиби илмӣ, номзади илми**
**филология** **Ҳасанов М.**

**«Тасдиқ мекунам»:**
**сардори раёсати кадрхо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Э.Ш.**
**«02» сентябри соли 2023.**